*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 дар назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 44.)*

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич ба диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзуи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқат мекунанд: 10.1. Коркарди масъалаҳои илмии идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот; самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; назария ва амалияи идоракунии зиддибуҳронии ташкилот. 10.4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. 10.8. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқаманд; идоракунии равандҳо ва низоми муосири истеҳсолот.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳои агросаноатии он ба таҳлил ниёз доранд. Зеро иқтисоди бозорӣ захираҳо, самтҳо ва роҳҳои муосиру инноватсионии истифодаи онҳоро ба мақсади дар маҷмуъ таъмин намудани самаранокии иқтисодии корхонаҳои комплексҳои соҳавию байнисоҳавӣ тақозо дорад. Албатта, дар ин раванд мушкилоти корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аз зумраи масоиле мебошанд, ки таҳқиқотҳои амиқу комплексӣ, аз ҷумла монографиро талабгор мебошанд. Саҳми назарраси корҳои олимони

ватаниро дар таҳқиқи назария ва амалияи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ва дар доираи минтақаҳои агросаноатии кишвар таъкид кардан зарур аст. Аммо дар самти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мушкилоти ҷойдошта ҳанӯз ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд. Аз он ҷумла дар мавриди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва моддию меҳнатӣ, мушкилоти эрозияи заминҳои кишт, фарсудашавии аз меъёр зиёди фондҳои асосӣ, норасоӣ ва нархҳои гарони захираҳои фондҳои гардон (аз ҷумла тухмӣ, нуриҳо, сӯзишворӣ захрохимикатҳо ва ғ.), камчинии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, замин ва воситаҳои гардони корхонаҳои агросаноатӣ ва амсоли онҳоро зикр кардан мумкин аст, ки сари вақт ҳалли худро наёфтани онҳо таъсири мустақими худро ба ҳосилнокию маҳсулнокӣ ва дар маҷмуъ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини бехатарии озуқавории аҳолии кишвар ва манотиқи он расонидаанд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти зикршуда, зарурати ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию усулӣ ва амалӣ зарурияти интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои диссертатсияро асоснок намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Аз рисолаи илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили методҳо ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ иборат мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан, унвонҷӯ **вазифаҳои таҳқиқотро** пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот, мавзуъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. **Объекти таҳқиқот** иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон ва масъалаҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ мебошад. **Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву ташкилие мебошанд, ки дар раванди ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд. **Асосҳои назариявию усулии таҳқиқотро** асарҳои олимон-иқтисодшиносон, ки ба масъалаҳои истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудаанд, ҳисоботи илмии пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмиву таҳсилотии мамлакат, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба мавзуи таҳқиқот ташкил додаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар корбасти методҳои умумиилмӣ, ба монанди методи абстраксияи илмӣ, диалектикӣ, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ ва ғайра асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар кори мазкур методҳои таҳлили системавӣ, назарияи идоракунии оптималӣ, коркард ва интиқоли иттилоот, методи таҳлили сохторӣ, институтсионалӣ, стратегӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Навгонии кори диссертатсионӣ** дар коркарди асосҳои назариявӣ ва методии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва асосноккунии пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

1. Доир ба моҳияти захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот, ки бевосита ё бавосита дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ зарур мебошанд, муқарраротиi муаллифӣ бароварда шудааст; мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ ва идоракунии оқилона (ҳамчун раванди дарккардашуда), ташаккули сохтори захираҳои истеҳсолӣ ва мувофиқати хирадмандонаи онҳо, ки тавассути баъзе қоидаҳои додашуда ва ҳадафи корхона муқаррарсозии афзалиятро қонеъ мегардонад, муайян карда шудаанд.

2. Таснифу гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаҳои миёни онҳо (алоқаҳои сабабӣ-натиҷавӣ), ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асоснокдкардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбанд, бароварда шудааст; доир ба ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ҳамчун маҷмуи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ, ки вазифаҳо ва имкониятҳои худро бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ амалӣ месозанд, таҳияи принсипҳои асосии интихоби қоидаҳои методӣ ва усулҳои арзёбӣ, ки ба таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат менамояд, таснифоти муаллифӣ дода шудааст.

3. Бори аввал ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, умуман номгӯи корҳое, ки бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муносибати бевосита доранд, аз рӯйи самтҳо ва меъёрҳои зерин арзёбӣ карда шудааст: қисм ба қисм ҷудокунӣ ва гурӯҳбандии номгӯйи корҳо ва равандҳое, ки бо низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ алоқаманд мебошанд; пуррагии вазифа ва корҳои дар самти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ТИОЗИ) иҷрошаванда; таъсиррасонии коллективӣ ва ҳамкориҳои муштараки иштирокчиёни раванди истеҳсолот дар низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо.

4. Исбот карда шудааст, ки дар миёни манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ манбаъҳои ташкилӣ, ки ба ҳамаи унсурҳои низоми идоракунӣ тааллуқ доранд, нақши калидӣ дошта, дарёфту истифодаи онҳо бо маблағи камтарин самаранокии фаъолияти истеҳсолиро баланд мебардоранд; дар натиҷаи мукаммалгардонии тадбирҳои агротехнологӣ, риояи принсипҳои ташкили истеҳсолот, беҳтар кардани таъминоти моддӣ-техникӣ, ташкили илмии меҳнат, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва ғайра, барои арзёбии манбаъҳо ва сарчашмаҳои захираҳои

истифоданашудаи истеҳсолӣ методҳои ҳисоби коҳиши зарари зироатҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудаанд.

5. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама зарурати таъсиси низоми махсуси маҷмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору зернизомҳои он асоснок карда шудаанд.

6. Асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ҳамчун самтҳои рушди усулҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ), ки бо роҳи коркард ва амалӣ намудани маҷмуи барномаҳои мақсаднок (сафарбарии захираҳо барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа, ки имконият медиҳад мӯҳлати вақти ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас коҳиш дода шавад) ба ҳалли проблемаҳо мусоидат менамоянд, коркард карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷиро дар соҳаи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва лоиҳаҳои онҳоро эҷодкорона истифода бурдааст. Ҳамчунин, саҳеҳияти маълумот бо гузаронидани таҷрибаҳо, монандии маводҳои таҳқиқот, коркарди оморииi натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодот бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва мукаммалгардонии методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ иборат мебошад.**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки принсипҳои асосии методологӣ ва *пешниҳодоти* дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркардшуда, тавсияҳои таҳияшуда ва пешниҳодҳои дар асоси онҳо омодагардида метавонанд аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ дар раванди идоракунии чараёнҳои таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, инчунин зимни таҳияи барномаҳои дарозмуҳлат ва миёнамуҳлати рушди иқтисодиёт истифода бурда шаванд.

**Саҳми довталаб** дар он зуҳур меёбад, ки марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии онҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯй таҳия карда шудаанд. Ҳамчунин, муқаррароти алоҳидаи диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва дар вақти омода кардани курсҳои лексия аз фанҳои «Ташкили истеҳсолот», «Менеҷменти истеҳсолӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Назарияи иқтисодӣ», «Танзими давлатии иқтисодиёт» истифода намуд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалии Институти иқтисодиёт ва демографияи

АМИТ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав ва дигар конференсияҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ пешниҳод гардидаанд. Аз рӯи мавзуи диссертатсия 8 номгӯи корҳои илмии муаллиф дар ҳаҷми 3,5 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд, ки 6-тои онҳо ба маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд.

<u>**Мазмуни кори дисертатсиоиӣ**</u>

***Дар муқаддима*** муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзиш ва баҳогузории масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Ҷанбаҳои назариявии истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаҳои истеҳсолӣ» мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (С.15-68).

Дар зербоби 1.1. муносибатҳои назариявӣ ба шарҳи моҳияти захираҳои истеҳсолии корхона таҳқиқ карда шуда, ба моҳияти мафҳуми «истифодаи оқилона» равшанӣ андохта шудааст. Аз ҷумла муаллиф қайд кардааст, ки вобаста ба ташаккули таълимоти рушди устувор зарурати гузариш ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳо ба миён омадааст, ки на танҳо аз афзудани сатҳи маҳдудияти онҳо, балки аз коҳиш ёфтани қобилияти муҳити табиӣ ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ низ вобаста аст. Ҳамчунин, муаллиф ба шарҳи мафҳуми ташкили истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама, ба аниқ намудани мазмуни категорияҳои бо ҳам алоқаманд - «омилҳои истеҳсолот», «захираҳои истеҳсолӣ» ва «иқтидори захиравӣ» таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муаллиф мафҳуми «захираҳои истеҳсолӣ»-ро ҳамчун маҷмуи унсурҳои байни ҳам алоқаманди истеҳсолот, ки дар ҳолати маҳдудияти миқдорӣ ва сифатӣ қарор дошта, бевосита ё бавосита дар раванди истеҳсоли маҳсулоти гуногун иштирок мекунанд, муайян кардааст (С.15-30).

Дар зербоби 1.2 диссертант гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ ва омилҳои ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсирбахшро анҷом додааст. Диссертант дар ин маврид қайд кардааст, ки гурӯҳбандии маҷмуавии захираҳои истеҳсолӣ барои ташкили истифодаи оқилонаи онҳо ва гурӯҳбандии захираҳои истеҳсолӣ дар асоси меъёрҳои умумӣ ва қонуниятҳои алоқаҳои байниҳамдигарӣ муҳим мебошад. Қабл аз ҳама, захираҳои табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ҳамчун захираҳои асосӣ ва ё заминавӣ ва захираҳои маъмурӣ, патентию иҷозатномадошта, технологӣ ва молиявӣ ҳамчун ҳосили захираҳои асосӣ баррасӣ карда шудааст. Ҳамчунин, муаллиф дар ҷадвали 1.3.- Омилҳои берунӣ ва дохилӣ, ки низоми ташкилии корхонаро муайян мекунанд, пешниҳод намудааст (С.31-51).

Муаллиф дар зербоби 1.3 муносибати методӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин замина диссертант қайд кардааст, ки ба асосноккунии муносибатҳои методологӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи

захираҳои истеҳсолӣ диққати махсус бояд ҷудо карда шавад, зеро он на танҳо дар интихоби нишондиҳандаҳо, балки дар ташкили низоми нишондиҳандаҳо ва ҷорӣ намудани он ҳамчун воситаи банақшагирӣ ва идоракунии захираҳо ифода меёбад. Нуктаи муҳими ин зербоб расми 1.1 мебошад, ки дар он мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои коркарди низоми арзёбии сатҳи муайянкунии заминаи иттилоотӣ барои баҳогузории ТИОЗИ таҳия карда шудааст (С.52-68).

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Таҳлили ҳолати муосири истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон» анҷом дода шудааст (С.69-123).

Дар зербоби 2.1 таҳлили маҷмуавии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст. Нуктаҳои муҳими ин зербоб: Ҷадвали 2.1. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.2. - Динамикаи заминҳои кишт дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.3. - Дигаргуниҳои сохторӣ дар майдонҳои кишти соҳаи растанипарварӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.4. - Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, Ҷадвали 2.5. - Динамикаи истеҳсоли маҷмуи маҳсулот барои як гектар замини кишт, Ҷадвали 2.6. - Динамикаи нишондиҳандаҳои истифодаи қувваи корӣ дар соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.7. - Ҳайати саройи мошинҳои корхонаҳои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.8. - Таҳлили пуррагии вазифаҳои дар соҳаи ИОЗИ иҷрошаванда дар хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Хатлони ҶТ, Ҷадвали 2.9. - Арзёбии дараҷаи пуррагии вазифаҳои дар соҳаи ИОЗИ иҷрошаванда аз ҷониби корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳои вилояти Хатлони ҶТ ба ҳисоб меравант (С. 69-87).

Дар зербоби 2.2 ҳолати истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил шудааст. Нуктаҳои муҳими ин зербоб: Ҷадвали 2.10. - Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ ва тақсими заминҳои кишт аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ дар вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.11. - Тағйирёбии сохтории ҳаҷми истеҳсолот ва заминҳои кишт аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ,Ҷадвали 2.12. - Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.13. - Нишондиҳандаҳои муқоисавии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), Ҷадвали 2.14. - Қиматҳои нишондиҳандаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.15. - Сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳо аз сатҳи имконпазир, Ҷадвали 2.17. - Истифодаи захираҳои энергия ба 1 га заминҳои корам дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон,Ҷадвали 2.18. - Алоқамандии коррелятсионии арзиши аслии 1 сентнер ғалладона аз унсурҳои хароҷот маҳсуб меёбанд.

Дар зербоби 2.3 коркарди қоидаҳо ва тарзҳои муайян кардани манбаъҳои захираҳои истеҳсолӣ анҷом дода шудааст, ки нуктаҳои муҳими он дар Ҷадвали 2.20. - Гурӯҳбандии корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи натиҷаҳои молиявӣ, Ҷадвали 2.21. - Ҷадвали омилҳои ташаккули арзиши картошка дар вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.22. - Манбаъҳои захираҳои замин дар вилояти Хатлон, Ҷадвали 2.23. - Ҳисобкунии манбаъҳои

захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии кишоварзии вилояти Хатлон, Расми 2.1. - Унсурҳои асосии методикаи ҷустуҷӯйи манбаъҳо-захираҳои истеҳсолӣ, Ҷадвали 2.24. - Принсипҳои ҷустуҷӯйи манбаъҳо, Расми 2.2. - Алгоритми ташкили ҷустуҷӯйи захираҳои истеҳсолӣ ифода ёфтаанд (С.105-123).

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Роҳҳои асосии мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ» таҳқиқ шудаанд (С.124-170).

Дар зербоби 3.1 заминаҳои консептуалии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ асоснок карда шудааст. Дар робита ба ин, дар диссертатсия ба муносибати низомӣ ба коркарди барномаҳои мақсаднок, ки имконияти муайян кардани сохтори консептуалии нисбатан асосноккардашудаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро пешниҳод менамоянд, диққати махсус ҷудо карда шудааст. Муаллиф дар ин радиф қайд мекунад, ки муносибати низомӣ имконияти бақайдгирии миқдори зиёди омилҳо, шароитҳо ва унсурҳои низоми истеҳсолот, ки барои расидан ба мақсад ва вазифаҳои корхона, инчунин истифодаи самараноки иқтидори иқтисодӣ-истеҳсолии онҳо мусоидат менамоянд, фароҳам меорад. Муносибати мазкур ҳамчун методи омӯзиш ва ҳалли илмии проблемаҳои ташкили истеҳсолот, заминаи назариявӣ-консептуалӣ ва шароити амалии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро муайян мекунад. Дар асоси муносибати низомӣ муаллиф мафҳуми «низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ»-ро ҳамчун маҷмуи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ муайян кардааст, ки бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ вазифа ва имкониятҳои худро амалӣ мекунад, самараи худро нишон медиҳад ва бо ин роҳ фаъолияти самараноки корхонаҳои кишоварзиро таъмин менамояд (С.124-138).

Дар зербоби 3.2 мукаммалгардонии механизми ташкили идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо баҳодиҳӣ гардидааст. Диссертант қайд мекунад, ки низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НТИОЗИ) дорои хосиятҳои ташкилкунӣ мебошад, ки истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро таъмин менамояд. Инчунин, ба муносибати системавӣ такя намуда, муаллиф истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ ҷудо кардааст, ки аз як қатор зернизомҳо иборат аст. НТИОЗИ-ро ҳамчун шакли ба таври пурра ташаккулёфтаи меҳнат дида баромадан мумкин аст, ки мақсади он таҳкими бефосилаи сатҳи истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ мебошад (С.138-154).

Дар зербоби 3.3 татбиқи методи барномавӣ дар ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла диссертант хулоса намудааст, ки банақшагирии барномаи мақсаднок яке аз намудҳои гуногуни банақшагирии оптималӣ (матритсавӣ) мебошад. Ба методҳои математикӣ такя намуда, пешниҳод гардидааст, ки методҳои барномасозии хаттӣ ва динамикӣ истифода бурда шаванд. Муаллиф асоснок намудааст, ки амалӣ намудани муносибати барномаи мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки бартариҳои зерин ба даст оварда шаванд: - баланд бардоштани дараҷаи асосноккунии масъала, ҳалли саривақтӣ, алоқаи мутақобилаи нақшаҳои

баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва ҳамин тавр, тақвият додани устувории нақшаҳо, барномаҳои истеҳсолӣ ва коҳишёбии зарар;- сафарбарии захираҳо барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа, ки ба коҳишёбии муҳлати расидан ба мақсадҳои мушаххас имконият медиҳад;- муайянкунии пурраи фоида ва хароҷот, ки бо ҳалли проблемаҳои гузошташуда вобастагӣ доранд; - муайян кардани роҳҳои нисбатан самарабахши ҳалли проблемаҳо дар асоси таҳлили вариантии сохторҳои барномаҳои истеҳсолот ва методҳои амалигардонии онҳо (С. 154-170).

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии пешниҳодшуда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки 149 сарчашмаро фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 197 саҳифаро ташкил дода, дорои 8 расм ва 33 ҷадвал мебошад.

Диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна бо забони давлатӣ навишта шуда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯи талабот буда, мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд. Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро муваффақона паси сар намудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1) Дар зербоби 1.1. ақидаҳои олимони ватанӣ оид ба методҳои ташкили оқилонаи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ кам ба назар мерасанд.

2) Дар зербоби 1.2., дар ҷадвали 1.3. ҳангоми гурӯҳбандии омилҳои ба истифодаи захираҳои истеҳсолӣ таъсирбахш, агар муаллиф хусусиятҳои истифодаи захираҳои истеҳсолиро дар соҳаи кишоварзӣ ба инобат мегирифт, таснифот мукаммал мегардид.

3) Дар зербоби 1.3. методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва принсипҳои бунёдии онҳо бо пуррагӣ матраҳ нашудаанд.

4) Дар боби дуввум, зербоби 2.1. ҳангоми таҳлил шумора, майдони замин, ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ дар МУК-и вилоят аз назари муаллиф дур мондааст. Агар мавқеи корхонаҳои кишоварзӣ дар МУК-и вилоят муайян карда мешуд, доираи таҳқиқоти муаллиф равшантар ба назар мерасид.

5) Хуб мешуд, ки агар дар зербоби 3.1. муаллиф методҳои мавҷудаи ТОИЗИ-ро дар мисоли якчанд корхонаҳои кишоварзии вилоят таҳлил намуда, камбудиҳо ва номукаммалии методҳои номбурдаро муайян карда (то ин ки зарурати такмили онҳо равшан гардад), баъдан роҳҳои мукаммалгардонии онҳоро пешниҳод менамуд.

6) Дар хулосаҳо ва тавсияҳо (дар диссертатсия ва автореферат) баъзе хатогиҳои техникӣ ҷой доранд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи КОА ва хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор будани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзуи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, рисолаи илмӣ – квалификатсионии анҷомёфта мебошад, ки хислату мазмуни илмию амалиро соҳиб аст.

Рисолаи илмии тақризшаванда аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ буда, муаллифи он - Махкамова Чамангул Абдуғафоровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** мудири кафедраи иқтисод ва
идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ.

Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

28.08.23